**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Дар замони муосир терроризм ҳамчун ҳодисаи мудҳиши зиддиинсонӣ муаррифӣ гардида, ба муқобили инкишофи босуботи ҷомеа баромад мекунад. Зеро терроризм бар зидди арзишҳои умумибашарӣ ба мисли истиқлолият, ҳуқуқу озодиҳои инсон, баробарӣ, адолат равона шудааст. Зиддиятҳо байни террор ва суботи сиёсӣ ҳамеша дар иртибот ва пайвастанӣ буданд. Терроризм дар давраҳои пеш ба худ либоси дигар дошт ва чун забт намудани ҳудуд, поймол сохтани фарҳанг аз ҷониби қавмҳои мухталиф истифода мешуд. Зуҳурёбии терроризми муосир ва дар кадом марҳилаи зоҳиршавӣ қарор доштани он яке аз масъалаҳои доманадор ва баҳсталаби илмӣ мебошад. Автореферат ба диссертатсияи Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» яке аз рисолаҳои илмӣ мебошад, ки ба масъалаи таҳқиқи терроризми муосир ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа бахшида шудааст.

Дар муқаддимаи автореферат мубрамии мавзуи тадқиқот, сатҳи тадқиқи мавзуъ ва робитаи тадқиқот бо барномаҳои мавзуи илмӣ муайян гардиданд.

Ба андешаи муаллиф мубрамии тадқиқи мавзуъ бо терроризми замони муосир, ки бо як қатор хусусиятҳои худ аз терроризми давраҳои дигари таърихӣ фарқ менамояд, вобаста мебошад. Терроризми замони муосир хусусиятҳои зеринро дорад: террористон аҳолии осоиштаро ҳамчун объекти рамзӣ интихоб намуда, ба воситаи тарсонидани онҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсиргузорӣ мекунанд; терроризм аз ҷониби як қатор давлатҳо ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани мақсадҳои геополитикӣ ва геостратегӣ истифода бурда мешавад; терроризми замони муосир дар муқобили ҷаҳонишавӣ ва афзудани

нобаробарии иктисодии давлатҳо баромад менамояд; терроризми замони муосир дар аксар маврид зери ниқоби дини ислом зуҳур менамояд ва аксари ташкилотҳои террористиро низ айни замон ташкилотҳои террористии тундгароии исломӣ ташкил медиҳанд; шабакаи интернет ва технологияҳои иттилоотии замони муосир ба ташкилотҳои террористӣ имконият медиҳанд, ки на танҳо фаъолияти шабакавии худро қавӣ гардонанд, балки бо роҳи тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароии динию сиёсӣ пайравони худро зиёд намоянд.

Аз дараҷаи тадқиқи мавзуи илмӣ вобаста ба маводҳои тадқиқотии ба раванди омодагӣ ва навиштани рисола ҷалбгардида муайян мегардад, ки баъзе аз адабиёт аз ҷониби муаллиф дар автореферат ба таври мушаххас таҳлил ёфтанд. Асарҳои олимони Ғарб, Россия ва Тоҷикистон дар навиштани рисола истифода шуданд.

Дар қисмати "Тавсифи умумии тадқиқот" объект, предмет, мақсад, вазифа, фарзия ва дигар нишондодҳои тадқиқот муайян гардидааст. Ба сифати объекти тадқиқот хусусияти терроризм ва амалҳои террористӣ дар замони муосир баромад мекунад. Предмети таҳқиқот – таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳадафи асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф ҳамчун таҳқиқи хусусиятҳои муҳимми терроризми замони муосир, баррасии таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани роҳу воситаҳои мубориза бо терроризм муайян карда мешавад. Вазифаҳои кори илмӣ дар асоси масъалаҳои таҳқиқшавандаи боб ва зербобҳои диссертатсия оварда шуданд, ки ба таври муфассал муайян гардида, мақсаднок иҷро шуданд. Навгонии илмии тадқиқот пеш аз ҳама бо баррасии асосҳои назариявию консептуалии масъалаҳои ҷудогонаи терроризм, алоқамандии терроризм бо идеологияҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ, шаклҳои мухталифи зоҳиршавии терроризм, махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ, таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо алоқаманд мебошанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи довталаби дараҷаи илмӣ ба таври пурра инъикосии навгонии диссертатсияро исбот намуда, хосияти илмиву амалии кори илмиро дучанд месозанд.

Дар раванди таҳкикот муаллиф манфиатҳои миллии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳифзи сохтори конститутсионии давлат, истиклолияти давлатӣ, якпорчагии марзу бум, суботи сиёсӣ ва монанди инҳоро дар маркази диккат қарор дода, бо назардошти онҳо ба масъалаи терроризм баҳои илмию назариявӣ додааст, ки чунин хулосаҳо барои ташаккули стратегия ва барномаҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм хеле аҳамиятнок мебошанд, ки ҳамчун аҳамияти назариявии таҳқиқот баромад мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф инъикос ёфтанд, ки метавонанд дар самти мубориза бо терроризм аз ҷониби сохторҳои кудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барои мукаммалгардонии қонунгузории кишвар, дар самти таълиму тарбияи миллии ҷавонон, дар раванди таълим ва ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути асосҳои назариявию консептуалӣ ва методҳои илмии истифодашуда асоснок карда мешавад.

Дар қисмати "Қисмҳои асосии тадқиқот" маълумоти мухтасар оид ба бобҳо ва зербобҳои диссертатсия оварда шудааст, ки масъалаҳои таҳқиқи террор ва терроризм, истифода ва қабули мафҳуми терроризм дар низоми байналмилалӣ бахри таъмини суботи сиёсии ҷомеа, хусусиятҳои терроризми замони муосир ва заминаҳо ва омилҳои пайдоиши он, шаклҳои зоҳиршавии терроризм, фаъолияти террористӣ ва таъсири он ба суботи сиёсӣ, механизмҳо ва махсусиятҳои мубориза бо терроризм ва дурнамои таҳкими фаъолияти зиддитеррористӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар хулосаи кори илмӣ натиҷаҳои асосии илмии тадқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии тадқиқот оварда шуданд. Муаллиф масъалаи мубориза бо терроризмро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҳамкориҳои хориҷии ҳар як давлат медонад. Ба андешаи ӯ пешбурди чунин навъи

сиёсат ба хотири таъмини амният ва бехатарии шаҳрвандон, нигоҳ доштани оромӣ ва суботи сиёсии ҷомеа ва пешгирӣ намудани сар задани амалҳои террористӣ мусоидат менамояд.

Бо баробари мавҷуд будани муваффақиятҳои илмӣ дар автореферат камбудиҳои начандон муҳим ба назар мерасанд, ки дар чунин шакл метавонанд баён шаванд:

1. Дар қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда аз ҷониби муаллиф мафҳумҳои терроризми байналхалқӣ ва терроризми муосир истифода шудаанд. Лекин дар рафти баёни андешаҳо бо истифодаи ин мафҳумҳо нуқтаи назари довталаби дараҷаи илмӣ муайян карда намешавад. Барои саҳеҳ ва фаҳмо гардидани андешаҳои илмӣ зарурати маълум сохтани мавқеи муаллиф нисбати истифодаи ин мафҳумҳо дар рисола ба миён меояд

2. Дар автореферати диссертатсия таҳқиқи масъалаҳои таъмини суботи сиёсии ҷомеа аз терроризм ва амалҳои террористӣ ба назар намерасанд. Тадқиқи ин масъала ба андешаи мо дар автореферат муҳим буд, зеро масъалаи таъмини суботи ҷомеа, масъалаи меҳварии таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

Нуқсонҳои мавҷуда ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия таъсир расонида наметавонанд, зеро натиҷаҳои кори илмӣ заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дошта, аҳамияти муҳими сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангиро соҳиб мебошад.

Ҳолатҳои асосӣ, хулосаҳо, тавсия ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида дар 11 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 5 маводи конференсияи илмӣ – амалӣ инъикос ёфтаанд, ки саҳми довталаби дараҷаи илмиро муайян мекунанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

Заминаҳои назариявӣ, методологӣ ва пойгоҳи тадқиқот дар автореферат инъикос ёфта, кори илмӣ аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» ба талабот ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент,
Сардори Раёсати илм ва инноватсияи
Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Шарифзода Л.Ш.

Тел: 919-89-65-69.
Почтаи электронӣ: slohuti@mail.ru
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, куч.
М. Турсунзода, 30, Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон

Имзои Л.Ш. Шарифзодаро тасдиқ
менамоям. Сардори Раёсати
кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

«___»________________